«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
д.и.и., профессор________ Шарифзода М.М.
«____»____________ соли 2023

**Хулосаи**
**кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович таҳти унвони «Масоили ҳастишиносӣ дар равияҳои фалсафии машшоъ ва тасаввуфи асрҳои X-XII -и тоҷик (таҳлили муқоисавӣ)» - барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, дар кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Каримов Аслам Азамжонович 20 июли соли 1973 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маълумоташ олӣ буда, соли 1995 факултети мусиқӣ-педагогии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзодаро аз рӯи ихтисоси муаллими мусиқӣ ва суруд, ташкилотчии корҳои маданӣ-маърифатӣ (31 майи соли 1995, диплом ШВ 682697) хатм намуд. Соли 2003 курси пурраи "Назарияи муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ"-и мактаби захираи кадрҳои Ҳукумати вилояти Суғдро (30.07.2008, шаҳодатномаи №36) бо баҳои аъло хатм намуд. Ҳамзамон соли 2005 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯи ихтисоси филолог, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик (1 июли соли 2005, диплом ДТО 00116521) хатм кардааст.

Фаъолияти илмию педагогии худро аз соли 1995 ба сифати муаллими мусиқӣ ва суруди мактаби миёнаи №50 ноҳияи Ашт оғоз намуда, сипас ба ҳайси омӯзгори кафедраи адабиёти муосири тоҷики ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров (2000-2008), мудири шуъбаи тарбияи ДДҲБСТ (2011), ассистенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ, сармуаллим, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ, мудири кафедраи забони тоҷикӣ (2018-2021) бомуваффақият фаъолият бурдааст.

Соли 2010 дар мавзуи «Ташаккули повести лирикӣ дар насри муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX»), аз рӯи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои ҷаҳон (адабиёти тоҷик) рисолаи номзадиро дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмӣ гардид (24 декабри соли 2010, дипломи номзадӣ №27/нк-1, ДКН №145079)

Каримов Аслам Азамжонович Аълочии фарҳанги Тоҷикистон (2002), Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон (2022) буда, собиқаи кории омӯзгории беш аз 26-сола дошта, зиёда аз 50 мақолаи илмӣ, 2

монография, 3 дастури таълимию методӣ, 1 китоби дарсӣ таълиф намудааст.

Мавзуи тадқиқоти диссертатсионии ӯ тахти унвони «Масоили ҳастишиносӣ дар равияҳои фалсафии машшоъ ва тасаввуфи асрҳои Х-XII-и тоҷик (таҳлили муқоисавӣ)» дар маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз таърихи 29 январи соли 2016, тахти протоколи №5 тасдиқ шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Кароматулло Олимов – доктори илми фалсафа, профессор, академики АИ Тоҷикистон, академики Академияи байналхалқии макотиби олӣ.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи докторӣ, дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар равияҳои фалсафии машшоъ ва тасаввуфи асрҳои Х-XII-и тоҷик (таҳлили муқоисавӣ)», хулосаҳои зерин қабул гардиданд:

**1. Баҳодиҳии мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Мавзуи диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович актуалӣ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи тадқиқотӣ аст ва дар он ҷанбаҳои назариявию методологии масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи тоҷики асрҳои Х-XII, таҳлили муқоисавии таълимоти равияҳои фалсафии машшоъ ва тасаввуфи давраи мазкур, ки омӯзиши онҳо ҳам аз ҷиҳати амиқтар фаҳмидани механизмҳои динамикаи иҷтимоӣ ва ҳам аз ҷиҳати рушди методологияи идоракунии иҷтимоӣ, хусусан идоракунии равандҳои бӯҳронӣ дар Тоҷикистон аҳамият дорад, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Таърихи тамаддуни халқи тоҷик даврахои пурпечу гуногуни таърихиро аз сар гузаронида, дорои унсурҳои мухталиф гаштааст, ки ба гардишҳои бузурги таърихӣ алоқаманд будааст. Махсусан, бо омадани ислом, ба сарзамини тоҷикон, ба тағйири вазъияти иҷтимоӣ, сиёсию динӣ дучор гардида, мазмуну мундариҷаи худро комилан дигаргун намудааст. Бо паҳншавии ҳикмати Юнон дар хилофат, дар асри IX ва ривоҷи тарҷумаи осори мутафаккирони юнонӣ, илму фалсафа хеле инкишоф ёфт. Дар баробари ақлгароии илмию фалсафӣ равияҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба ирратсионализм (илми ҳол) дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва тарзи зиндагии зоҳидона майл намуданд, яъне илму фалсафа ва ҳамчунин, ирфон (тасаввуф) ҳам аз унсурҳои муҳими фарҳангию маънавии тоҷик гардиданд. Тасаввуф ҳодисаи мураккаби динӣ ва эътиқодӣ буда, фалсафаи ахлоқӣ ва тасфияи маънавии инсон аз ҷониби мутафаккирон маҳсуб мешуд, ки дорои се асли асосӣ: миститсизм, аскетизм ва пантеизм буд. Онҳо дар якҷоягӣ низоми муайяни фикриро ташкил дода, аз ҳудуди дини расмӣ берун баромаданд. Дар пояи чунин тасаввурот на танҳо фалсафаи хоси ирфонӣ, балки адабиёти бузурги бадеӣ ба вуҷуд омад, ки шуҳрати умумиҷаҳонӣ пайдо кард. Пас, тасаввуф фақат эътиқоду дин набуд, он ахлоқ, маънавиёти баланд, камолоти шахсӣ ва умумиинсониро

таҷассум мекард ва бо ин хусусиятҳояш унсури муҳими фарҳанги эрониён (тоҷикон) гардид.

Таваҷҷуҳ ба тасаввуф ба андозае будааст, ки бо вуҷуди тазоди ошкорои фалсафа бо тасаввуф, бархе аз файласуфон ба он майл кардаанд ва сӯфиён ҳам, дар навбати худ, ба ратсионализми фалсафӣ машғул шуда, теософияи исломӣ ё аниқтараш ирфониро ба вуҷуд оварданд. Пас, дар ин замина, ба манбаъҳои фарҳанги маънавӣ муроҷиат карда, ақоиди фалсафӣ ва онтологию антропологии файласуфону мутафаккирони барҷастаи тоҷики асрҳои X-XII-ро омӯхтан хеле зарур мегардад, то ҷиҳатҳои умумӣ ва ихтилофноки ин ду самти фарҳанги миллӣ –машшоия ва тасаввуф ошкор гардад. Дар ин маврид, маҳз таълимот дар бораи ҳастишиносӣ ё худ онтология, ки зербинои ҳама системаҳои фалсафӣ маҳсуб меёбад ва таълимоти онтологии аҳли тасаввуф низ моҳияти ин ҷараёни ғоявиро фаро мегирад, метавонад қаробату фарқияти онҳоро нишон диҳад ва сабаби инкишофи суфизмро намудор созад, тазоди диалектикии онҳоро мунъакис сохта, таъсири мутақобилаи онҳоро ба якдигар нишон диҳад. Ин масъала барои омӯзиши фарҳанги мардуми тоҷик, дар асрҳои зикршуда, масъалаи хеле муҳим буда, қимату арзиши ин давраро нишон медиҳад. Аз дигар ҷиҳат, онтология чун назарияи ҳастӣ хусусиятҳои асосии тамоми воқеиятро таҳқиқ менамояд. Дарёфти ҳастӣ ҳамчун ҳастие, ки асоси ҳамафарогири ҳастӣ бошад, ҳадафи ниҳоии таълимоти метафизикаи Арасту ва ҳам машшоиёни шарқӣ Форобӣ, Сино ва дигарон мебошад. Ҳадафи аҳли тасаввуф низ равшан сохтани ҳастие мебошад, ки ҳастии воқеӣ бошад, яъне ҳастӣ дар худи инсон. Агар таҳқиқи файласуфони машшоъ бо истидлоли мантиқӣ сурат гирад, исботи аҳли тасаввуф ба таври мистикӣ, тахайюлӣ анҷом мегирад. Файласуфон аҳли истидлоланду суфиён аҳли шуҳуд ва васли инсону Худо. Бо вуҷуди ин заъфи истидлол ва дарёфти яқиният бисёр файласуфонро ноумед сохта, майли онҳоро ба тасаввуф бештар кардааст.

Муқоиса ва таҳлили таълимоти ин ду равия арзишмандии ин ду тасаввурот ва таъсири онро қариб ба ҳамаи унсурҳои фарҳанги маънавӣ нишон дода, арзиши воқеии ин унсурҳоро, вобаста ба ин гуногунии тасаввурот, дар низоми фарҳанги маънавии халқи тоҷик муайян мекунад.

Ба ҷуз аҳамияти назариявӣ ва амалии ин пажуҳиш, онро бояд дар назар гирифт, ки барои рушду ташаккули фарҳанги муосири миллӣ, ки ҷомеаи Тоҷикистон бахри нашъунамои он талош дорад, бахри мубориза ба ҳар гуна тақаллубкорӣ, суистифодаи сиёсӣ аз арзишҳои гузаштаи тамаддунамон чунин таҳқиқот зарур ва талаби рӯз мебошад.

Ташаккули маънавият, ки ба ниёзҳои инсони муосир мувофиқ аст, вазифаи ҳаётан муҳим буда, бидуни дарки падидаи тасаввуфӣ, ки ҷузъи муҳими фарҳанги маънавӣ мебошад, ҳалнашаванда аст.

Таҳлили таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки тасаввуф борҳо катализатори назарраси динамикаи иҷтимоӣ будааст. Таъсири таълимоти тасаввуфӣ ба тафаккур ва усули амали ислоҳотгароёни маъруф маълум аст. Тасаввуф ҳам дар ислоҳот ва ҳам дар тавлиди динҳо нақши муҳим дошт. Бо вуҷуди аҳамияти зиёд доштани ин мавзуъ таҳлили мукаммали масъалаи мавриди баррасии мо, дар адабиёти фалсафӣ ва илмӣ амалӣ нашудааст, хусусан таносуби фалсафаи машшоия ва тасаввуф. Ин ҷиҳати масъала моро ба хулосае овард, ки мавзуи мазкурро мавриди таҳқиқи алоҳида қарор диҳем.

**2. Иштироки шахсии муаллиф дар чараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар диссертатсия баёншуда.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи диссертатсия, дар муайян намудани ҳадаф, предмет ва объекти тадқиқот, мудаллал сохтани номгуи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот зоҳир мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷуй дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия зоҳир мегардад.

**3. Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот бо интихоби далелҳои муътамад, маводи интишоротии фарогири пажӯҳиш, такмили натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои илмӣ тасдиқ ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳо тавассути таҳлилҳои илмию муқоисавии натиҷаҳои назария ва амалияи таҳқиқот асоснок карда шудаанд.

**4. Навгонии илмии диссертатсия.** Дар диссертатсия бори нахуст таъсири таълимоти машшоия ба ирфону тасаввуф ва нуфузи ирфон ба фалсафаи машшоия дар фалсафаи тоҷики асрҳои X-XII мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки аз навгониҳои ин рисола нуктаҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд:

- бори аввал таҳқиқи пурраи таносуби категорияҳои “ҳастӣ” ва “нестӣ”, “моҳият,” “сабаб,” “натиҷа” ва ғ. анҷом дода шуда, таълимоти фалсафии машшоия ва тасаввуфи асрҳои X-XII ошкор шудаанд;
- тазоди усулҳои дарёфти ҳақиқат ва исботи яқиниёт дар таълимоти сӯфиён ва аз ақлгароӣ ба мистика гузаштани онҳо, хусусияти символикӣ ва тахайюлӣ пайдо кардани таълимоти тасаввуф муайян карда шуд;
- бори аввал сабабҳои таваҷҷуҳи файласуфони машшоъ, аз ҷумла Ибни Сино ба тасаввуф ва усулҳои ирратсионалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд;
- муайян карда шудааст, ки Ибни Сино доир ба масъалаи ҳастишиносӣ, дар заминаи таълимоти фалсафию ирфонии худ андешаҳои ҷолиб пешниҳод кардааст, ки имрӯз низ аз аҳамият холӣ нестанд;

-ошкор карда шудааст, ки зиддият ва алоқамандии диалектикии фалсафаи машшоия ва таълимоти теософии аҳли тасаввуф, ки дар баъзе маврид боиси инкишофи тафаккури мантиқӣ гардидаанд ва вобаста ба ин, мақоми ин ҳарду унсури фарҳанги миллии тоҷикон, дар рушди фарҳанг, сабабҳои дар асрҳои минбаъда ривоҷ ёфтани тасаввуф гардидааст. Яъне, нишон додани он, ки тасаввуф як андоза вазифаи ҳифзи тамаддунро иҷро намудааст;

-азбаски машшоия таълимоти "ворида", яъне фалсафа аз дигар ҷо ба хилофат воридшуда, ҳисоб мешуд, дар пайванд бо унсурҳои ирфонӣ ва дигар унсурҳои тамаддуни эрониён (тоҷикон) бештар хусусияти "худӣ" касб намуд;

- муҳаққиқ ошкор намудааст, ки амалияи ирфонӣ ва ғояҳои сода ва тахайюлии тасаввуф ба афкори мардум таъсири муайян гузошта, ҷаҳонбинию тарзи зиндагии онҳоро аз бисёр ҷиҳат нуфузи идеологӣ қарор додаанд ва мақоми иртиҷоӣ ва баъзан озодихоҳии прогрессивии тасаввуф, дар таърихи халқи тоҷик, раднопазиранд;

-бори нахуст бархе аз масъалаҳои онтологӣ аз рӯи китоби "Шархи таарруф"-и Мустамлии Бухорӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва муқоиса қарор дода шудаанд. Масъалаи мазкур, чун бандҳои дигари зикршуда, бори аввал ҳадафи таҳқиқи фалсафию илмӣ қарор дода шудаанд.

**5. Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳлили муқоисавии масъалаҳои онтологӣ дар таълимоти мактаби машшоия (Ибни Сино) ва таълимоти равияи тасаввуф (Мустамлии Бухорӣ) ва ошкор сохтани аҳамияти илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ-таърихии онҳо мебошад.

**6. Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ба ин ҳадаф ноил шудан ҳалли вазифаҳои зерин имконпазир гардид:

1) хусусиятҳои фалсафаи тоҷик дар асрҳои аввали тамаддуни исломӣ ошкор карда шуд;

2) решаҳои пайдоиши ҷараёнҳои фалсафию динии дар боло зикршуда ва робитаи онҳо бо равияҳои аввалини илмию фалсафӣ муайян гардид;

3) сарчашмаҳои пайдоиш ва инкишофи масъалаҳои онтология дар эҷодиёти мутафаккирон ва файласуфони асрҳои X-XII-и тоҷик таҳқиқ карда шуд.

4) ҷанбаҳои ғоявӣ, мавзуӣ ва мазмуни ҷараёнҳои тасаввуф, машшоия дар давраи эҳёи фалсафаи тоҷик муайян гардид;

5) масъалаҳои онтология дар Қуръон ва равияҳои тасаввуф ва машшоия ошкор карда шуд.

**7.Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки омӯзиши масъалаҳои дар диссертатсия матраҳшуда, барои ташаккул ёфтани маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Бозёфтҳою хулосаҳои таҳқиқоти мазкур мақоми воқеии таълимоти ҳастишиносии равияҳои машшоия ва тасаввуфро дар фарҳанги миллии тоҷик нишон дода, таҳлили

консептуалии ҷанбаҳои ахлоқӣ, қиммату арзишҳои онҳоро, дар замони муосир, равшан месозанд.

Натиҷаҳои тадқиқот, ҳамчун саҳми назариявӣ, дар корбаст ва таҳлили мушкилоти масоили ҳастишиносӣ, дар баррасӣ ва равшан сохтани масъалаҳои назарйявии осори файласуфон, мутафаккирони бузурги форсу тоҷик, назарияҳои равияҳои мухталифи фалсафӣ ва динии асрҳои X-XII маҳсуб ёфта метавонад.

Натиҷаҳои тадқиқот, инчунин тасаввуротро дар бораи муҳтавои масъалаҳои фалсафию динӣ тавсеа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишҳои маънавии ҷомеаи ташаккулёбанда мушаххас мекунанд ва барои дарки амиқтари асосҳои дигаргунсозии афкору фарҳанги ҷомеаи муосир ва дурнамоҳои рушди он мусоидат мекунанд.

Андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар кори таҳқиқотӣ вуҷуд доранд, барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои онтологӣ дар таърихи фалсафа ва фалсафаи дин замина мегузоранд. Маводи диссертатсия дар курсҳои лексионии таърихи фалсафа ва фалсафаи дин, инчунин барои ташкили дарс ё курсҳои махсус ва китобҳои дарсӣ доир ба таърихи фалсафа истифода бурда мешаванд (монографияи "Назаре ба масъалаҳои онтологӣ дар фалсафаи Абӯалӣ Ибни Сино" (Каримов А.А.) ва Дастури таълимию методии "Фарҳанги тафсирии истилоҳоти тасаввуф"(Каримов А.А.), ки бо Қарори Шурои илмӣ-методии ДДҲБСТ, суратҷаласаи №11 аз 19.06.2021 ба чоп тавсия ва нашр шудаанд).

**8.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илмӣ.** Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ, аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба диссертатсияҳои илмӣ буда, мувофиқи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, иҷро шудааст. Ҳамчунин мавзуи диссертатсия ба бандҳои 9 ва 10 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 таҳти №503 "Дар бораи самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" алоқаманд мебошад.

**9. Инъикоси маводҳои диссертатсия дар корҳои чопшудаи муаллиф.** Муқарраротн асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсия, аз ҷониби муаллиф, дар як қатор конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: «Калам как рациональная основа многовековой дискуссии» (Хуҷанд, 2021), «Баъзе ҷанбаҳои фалсафии машшоияи Ибни Сино» (Исфара, 2021), «Баъзе ҷанбаҳои тасаввуфи асрҳои X-XII» (Хуҷанд, 2021), «Оид ба тасаввуфи асримиёнагии тоҷикон» (Хуҷанд, 2021), «Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба ҳаракат» (Хуҷанд, 2021), «Оид ба моҳият ва ҳастӣ» (Хуҷанд, 2022),

«Ҳастӣ дар таълимоти фалсафӣ» (Хуҷанд, 2022), «Оид ба аҳволи иҷтимоию сиёсии тоҷикони асри Х» (Хуҷанд, 2022), «Оид ба рушди маънавиёти ҷомеаи тоҷикони асри Х» (Хуҷанд, 2022), «Оид ба ҷараёнҳои динию фалсафии тоҷикони асрҳои X-XII» (Хуҷанд, 2022), «Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба замон» (Хуҷанд, 2023), «Онтологические аспекты мистической пути и философские основы суфизма в средневековом Хорасане» (Хуҷанд, 2023), «Метафизика»-и Арасту» (Хуҷанд, 2023), «Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба макон» (Хуҷанд, 2023) нашр шудаанд.

Натиҷаҳои диссертатсия дар 15 мақолаи илмии нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия эътирофгардида дар ҳаҷми 15ҷ.ч. дар 1 монографияи илмӣ дар ҳаҷми 10,3 ҷ.ч., ва 1 дастури таълимию методӣ дар ҳаҷми 22,5 ҷ.ч., 12 мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда дар ҳаҷми 5,55 ҷ.ч. инъикос ёфтаанд.

**Монография, васоити таълимӣ**

1. Назаре ба масъалаҳои онтологӣ дар фалсафаи Абӯалӣ Ибни Сино. Монография / А.А. Каримов / Зери назари академик Олимов К. – Хуҷанд, 2021. – 166 с.

2.Каримов А.А. Фарҳанги тафсирии истилоҳоти тасаввуф: Дастури таълимӣ / А.А.Каримов. – Хуҷанд: Нашриёти Парки технологии ДДҲБСТ, 2021. – 360 с.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия ба табъ расидаанд:**

**[1-К].** Каримов, А.А. Мулоҳизае дар бораи тасаввуф ва роҳи ирфонӣ [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2021.– №2.– С.116-125

**[2-К].** Каримов, А.А. Андешаҳо оид ба аҳволи иҷтимоию сиёсӣ ва динию фалсафии тоҷикон дар асрҳои X-XII [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021.– №3. – С.111-122

**[3-К].** Каримов, А.А. Баъзе паҳлӯҳои масъалаҳои ҳаракат, макон ва замон дар табииёти Ибни Сино [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2021.– №5. – С.116-125

**[4-К].** Каримов, А.А. Баъзе масъалаҳои ҳастишиносӣ дар тассаввуфи асрҳои X-XII [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2021.– №4. – С.143-152

**[5-К].** Каримов, А.А. Назаре ба масъалаи категорияи «нестӣ» дар онтологияи асримиёнагӣ ва ҷаҳони муосир [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2022.– №3. – С.117-128

**[6-К].** Каримов, А.А. Нуктае чанд оид ба масъалаи таносуби Худо, олам ва одам дар дини насронӣ ва ислом [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2022.– №4. – С.63-73

**[7-К].** Каримов, А.А. Гуногунандешии бархе аз ҷараёнҳои фалсафию динии асримиёнагии Шарқ [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022.– №11.- С.91-101

**[8-К].** Каримов, А.А. Баъзе нуктаҳои фалсафаи машшоияи тоҷику форс дар асрҳои X-XII [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №2. – С.93-103

**[9-К].** Каримов, А.А. Ирфон ва ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии он [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №7. – С.112-124

**[10-К].** Каримов, А.А. Ирфон ва ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии он [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2023.– №8. – С.79-90

**[11-К].** Каримов, А.А. Таҳлили муқоисавии баъзе масъалаҳои онтология дар китоби «Шарҳи таарруф»- Мустамлии Бухорӣ [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2023.– №9. – С.121-132

**[12-К].** Каримов, А.А. Андешаҳо оид ба ҳастӣ ва тафаккур [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №10. – С.110-120

**[13-К].** Философия калама - рациональная основа средневекового исламского мировоззрения [текст] /А.А. Каримов // Научный вестник. ФерГУ. Респ.Узбекистан. – 2023.– №6. – С.46-54

**[14-К].** Каримов, А.А. Чанд сухан оид ба ҳастӣ ва моҳият [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №11. – С.112-124

**[15-К].** Каримов, А.А. Баъзе паҳлуҳои ҳақиқати онтологӣ дар таълимоти Ибни Сино [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №12. – С.92-102

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[16-К].** Каримов, А.А. Калам как предмет многовековой дискуссии [текст] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Найистони маърифат” (18-21.03). – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 210-223

**[17-К].** Каримов, А.А. Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба ҳаракат [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Саноатикунонии

босуръат - асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ» (7-10 декабри соли 2021). – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С.136-141.

**[18-К].** Каримов, А.А. Оид ба тасаввуфи асримиёнагии тоҷикон [матн] / А.А. Каримов // // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: ҳолат ва дурнамо» (25-27 октябри соли 2021). – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С.108-115.

**[19-К].** Каримов, А.А. Баъзе ҷанбаҳои фалсафии машшоияи Ибни Сино [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи илмию амалии байналмилалии «Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ» (9-11 майи соли 2021). – Исфара, 2021. – С.173-177.

**[20-К].** Каримов, А.А.Оид ба рушди маънавиёти ҷомеаи тоҷикони асри X [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмию методӣ аз рӯи маводи семинари ҷумҳуриявии илмию методии «Истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар татбиқи тадқиқоти байнифаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» (26-28 октябри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.52-63.

**[21-К].** Каримов, А.А.Оид ба моҳият ва ҳастӣ [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии «Ваҳдати миллӣ – омили муҳими рушди давлат ва ҷомеа» (25-27 сентябри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.472-473.

**[22-К].** Каримов, А.А. Оид ба аҳволи иҷтимоию сиёсии тоҷикони асри X [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи форуми II ҷумҳуриявии иқтисодии «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (12-15 декабри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.140-145.

**[23-К].** Каримов, А.А. Ҳастӣ дар таълимоти фалсафӣ [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории миллӣ» (12-14 ноябри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. –С.104-108.

**[24-К].** Каримов, А.А.Оид ба ҷараёнҳои динию фалсафии тоҷикони асрҳои X-XII [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методии «Муаммоҳои мубрами методикаи таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: назария ва амалия» (28-30 марти соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.105-109.

**[25-К].** Каримов, А.А. «Метафизика»-и Арасту [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи илмӣ-

назариявии байналмилалии «Захираҳои обӣ дар ҷаҳони муосир: муаммо ва истифодаи самаранок» (23-25 майи соли 2023). – Хуҷанд: Дабир. – 2023. –С.186-188.

**[26-К].** Каримов, А.А.Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба замон [матн] / А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-методии «Хусусиятҳои хоси таъмини сифати таҳсилоти олии касбӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (15-17 марти соли 2023). – Хуҷанд: Дабир, 2023. – С.306-310.

**[27-К].** Каримов, А.А. Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба макон /А.А. Каримов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ«Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ» (18-21 апрели соли 2023). – Хуҷанд: Дабир, 2023. – С.121-124.

Дар маҷлиси кафедра 2 доктори илми фалсафа, профессорон Ахмедов С. ва Зоҳидов О.Ҳ., 5 нафар номзадҳои илми фалсафа дотсентон Маллаев Р.К., Почоева М.А., Шеронов Б.Ғ., Ҷӯраев А.Ҳ., Муродбекова М.Ҳ., 1 нафар номзади илми таърих Пулодова М.А., ва 4 нафар муаллимони калон Раҳимова Н.Ҳ., Маматқулов,Ҷ.А., Султонова А.Д., Қодирова М.Д. иштирок доштанд.

Баъд аз шунидан ва муҳокимаи диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар равияҳои фалсафии машшоъ ва тасаввуфи асрҳои X-XII -и тоҷик (таҳлили муқоисавӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, тақризи мушовири илмӣ – доктори илми фалсафа, профессор, академики АИ Тоҷикистон, академики Академияи байналхалқии макотиби олӣ Кароматулло Олимов, баромади мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ д.и.ф., профессор Ахмедов С., д.и.ф., профессори ДДҲБСТ Зоҳидов О.Ҳ., н.и.ф., дотсент Почоева М.Қ. ва мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии ДДҲБСТ н.и.т., дотсент Пулотова М.А. кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии кушода ва хулосаи кори диссертатсия оид ба саҳеҳӣ, навгонӣ ва аҳамияти онҳо дар назарияву амалия, инчунин аз рӯи натиҷаи таълифоти муаллиф

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини таърихи фалсафа - «Масоили ҳастишиносӣ дар равияҳои фалсафии машшоъ ва тасаввуфи асрҳои X-XII-и тоҷик (таҳлили муқоисавӣ)» бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал,

баанҷомрасида ва мубрам маҳсуб меёбад ва дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аст.

2. Диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар равияҳои фалсафии машшоъ ва тасаввуфи асрҳои X-XII -и тоҷик (таҳлили муқоисавӣ)», аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 14 нафар иштирок дошта, аз онҳо 12 нафар ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

«тарафдор» - 12 нафар,

«муқобил» - нест,

«бетараф» - нест.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, протоколи № 5 аз 29 декабри соли 2023 қабул карда шуда, бо як овоз тасдиқ гардид.

**Раиси маҷлис, мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент** **Пулотова М.А.**

**Котиби маҷлис, коргузори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Насриддинова М.Б.**

**Имзои Пулотова М.А. ва Насриддинова М.Б.- ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
тел:+992(3422)2 38 11.www.tsulbp.tj